«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
н.и.ф. Шарифзода Б.Б. ________
«_06_» июни соли 2022.

# ХУЛОСАИ
## Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи Назар Бохруло дар мавзуи “**Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ**” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ анҷом дода шудааст.

Роҳбари илмии Назар Бохруло номзади илми филология, ходими пешбари илмии шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттии Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ **Муҳаммадиев Алӣ** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ дар таърихи 19.01.2016, қарори № 5 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсияи Назар Бохруло таҳти унвони “Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 05 ноябри соли 2021, қарори №8 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ бо иштироки муқарризони холис – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев Вафо ва номзади илми филология, мудири шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттии Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ Давлатова Холида Муллошоевна муҳокима гардид. Аз маърузаи муаллифи диссертатсия, саволу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Диссертатсияи Назар Б “Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” унвон дошта, яке аз масъалаҳои мубрами адабиётшиносӣ мебошад, ки бо принсип ва низоми таҳқиқи муҳаққиқон А. Е. Кримский, Эдвард Браун, Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский, Абдуғанӣ Мирзоев, Аълохон Афсаҳзод, Расул Ҳодизода ва дигарон анҷом гирифта, асари нави таҳқиқӣ мебошад. Диссертатсия дар асоси маводи фаровони сарчашмаҳо (40 номгӯй) ва адабиёти зиёди илмӣ-назарӣ (139 номгӯй) навишта шуда, дар муқаддима муаллиф дараҷаи таҳқиқи илмии мавзуъро аз дидгоҳи илмӣ-адабӣ баррасӣ карда, бо таҳлили адабиёти илмии мавҷуда доираи баҳс ва масъалаҳои таҳқиқӣ кори худро муайян намудааст. Мавзуъро яке аз иқдомҳои муҳим ва шоиста арзёбӣ намуда дар мавриди дастовардҳои ҳар боб ва фаслҳои онҳо ибрози андеша намуд.

Диссертатсияи Назар Б. «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» аз мавзуъҳои муҳим ва мубрам аст, ки барҳақ сазовори пажуҳиши ҷиддии илмист. Аз Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ се девони ашъор бо номҳои «Фотиҳат-уш-шубоб», «Воситат-ул-иқд» ва «Хотимат-ул-ҳаёт» дар нусхаҳои зиёд ва комил то рӯзгори мо расидаанд. Девонҳои Мавлоно Ҷомӣ аз ҷиҳати ҳаҷм ва мундариҷа як хел нестанд ва аз миёни ин девонҳо девони аввал на танҳо аз нигоҳи ҳаҷм, балки аз назари арзиши бадеӣ авлотар аст. Девони аввал - «Фотиҳат-уш-шубоб» дар имтидоди шашсад соли ахир бештар ба таври мунтахабу мухтасар нусхабардорӣ шудааст ва ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ асосан дар ин се девон фароҳам омадаанд. Дар таркиби ин се девони машҳур асосан ғазал (1956 адад), қасида (53 адад), 137 қитъа ва 274 рубоӣ ҷой дода шудаанд, ки намунаи аълои шеъри лирикии адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар асри XV мебошанд.

Дар диссертатсия дастовардҳои назарраси илмӣ бисёр ба назар мерасад, ки дастовардҳои муаллиф мебошад. Диссертатсия ба мавзуи ҷолиби адабиётшиносӣ бахшида шудааст. Муҳокимаронииҳо, баҳсҳо бо донишмандон хуб сурат гирифтааст, таҳлилҳо ва натиҷагириҳо гувоҳ бар онанд, ки унвонҷӯй ба мавзуъ хуб ворид гаштааст. Дар охири ҳар боб хулосаҳои фишурда оварда шудаанд. Мисолҳо таҳлили дуруст шудаанд.

**Ҳадафи асосии** диссертатсия ошкор намудани моҳияти назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф ва арзёбии таҷрибаи шоирии ӯ дар корбурди ин ду унсури муҳимми сохтори шеъри тоҷикӣ мебошад.

**Аҳамияти амалӣ ва назарии таҳқиқ** дар асоснокӣ ва эътимоднокии илмӣ ва дарку таҳлил ва арзёбии хусусиятҳои хоси тафаккури бадеӣ ва ҳунари шоирии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар истифодаи қофияву радиф дар ғазалиёташ зоҳир мешавад. Ба ин сабаб, андешаҳои назарӣ ва ғазалиёти шоир муфассал таҳлил шуда, қонунмандиҳои назарӣ ва амалии истифодаи мақсадноки қофияву радиф дар ғазалиёти шоир муайян ва мушаххас карда шуд. Кори анҷомгирифта донишҳои назарӣ ва таҷрибиро такмил мебахшад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки бори аввал масъалаи назариёти Ҷомӣ дар бораи қофия ва нақшу ҷойгоҳи он дар ғазалиёти шоир мавриди таҳқиқ ва арзёбии ҷомеъ қарор мегирад.

Мутаассифона, дар мавриди моҳияти назариёти Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф ва нақшу мақоми онҳо дар ғазалиёти шоир то ҳол сухани бавазн гуфта нашудааст. Бино бар ин, кӯшиш кардем, ки масъалаи рози пайвастагии шеър ва қофияву радиф ва мақоми онро дар эҷоди зебоии шеър дар мисоли ғазалиёти Ҷомӣ таҳқиқ ва арзёбӣ карда, равиши асосии эҷодӣ ва ҳунарии шоирро дар ин замина муайян ва мушаххас намоем.

Муаллиф бори аввал дар заминаи таҷрибаи эҷодии Абдурраҳмони Ҷомӣ дидгоҳҳои назарӣ ва тарзи бархурди ӯро ба корбурди қофияву радиф муайян намуда, то ҷое, ки имкон дошт, қофияву радифро дар калимоти хоси ғазалиёти шоир ташхис дода, зебоии маънавӣ, нақши он дар танзими фикру эҳсос, қавӣ сохтани сохти ғазал ва эҷоди ваҳдати шакл дар он, вусъат бахшидан ба тасвирҳо ва маънии ғазал, илқои мафҳум бо роҳи тақвияти оҳанги калимоти қофияшаванда ва такрори радиф мушаххас намуд, ки навии илмии тадқиқотро муайян мекунад.

**Нуктаҳои асосии зерин ба ҳимоя пешниҳод шудааст:**

- Барои таҳқиқ ва арзёбии назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ оид ба қофия ва радиф дар шеър нахуст андешаҳои назарии ӯ бо такя ба «Рисолаи қофия» ва осори ҳамсони назарӣ ба эътибор гирифта шуда, сониян дидгоҳҳои назарияш қиёсан бо назариёти ӯ дар осори бадеияш таҳқиқ ва таҳлил гардид. Дар замина дар баъзе ҳолатҳо муқоисаи назариёти адабии ӯ бо пешиниён ваояндагон низ дар боби қофияву радиф анҷом гирифт;

- Абдурраҳмони Ҷомӣ назариёти адабии худро оид ба қофия ва радиф дар осори адабӣ ва «Рисолаи қофия» баён кардааст. Қофия ва радиф аз нигоҳи Ҷомӣ аз унсурҳои сохторӣ ва «воҷиб ва мустаҳсан»-и (Ҷомӣ) шеър буда, ташаккул ва таҳаввули он ба истеъдод, дониш ва ҳунари шоир вобаста мебошад. Назариёти Ҷомӣ дар ин боб аз андешаҳои пешгузаштагонаш моя гирифта, қонунмандиҳо ва

хусусиятҳои сохторӣ ва зебоишинохтии ин ду унсури муҳимми шеърро арзёбӣ мекунанд;

- Аз нигоҳи Ҷомӣ қофия аз унсурҳои муҳимми шеър буда, масъалаи ҷустуҷӯҳои бадеии ӯ дар ғазалиёташ инъикос ёфтааст. Таҳқиқ ва муқоисаи назариёти адабӣ ва арзёбии таҷрибаи шоирии ӯ ҳадафҳои хоси ҳунарияшро дар эҷоди шеър, бахусус ғазал собит месозад;

- Радиф дар шеъри форсии тоҷикӣ, аз ҷумла дар ғазалиёти Ҷомӣ яке аз омилҳои муҳимми сохторӣ ва ваҳдати маъноӣ буда, дар афзоиши мусиқии шеър низ таъсиргузор аст. Ин унсури шеъриро шоирони форсигӯ дар ҳамаи анвои шеър ба қадри ҳунар ва тавоноии хеш истифода кардаанд. Радиф аз воситаҳои муассири такмили сохтори забонӣ, маъноӣ, бавижа ҷанбаи мусиқии шеър буда, дар ғазалиёти Ҷомӣ нақш ва ҷойгоҳи хос дорад. Ин шоири тавоно ба эҷоди ғазал ба радиф аҳаммияти фаровон дода, 90 дар сади ғазалиёташро бо радиф гуфтааст;

- Истифодаи ҳадафманди радифҳои ҷумлаӣ, феълӣ, замирӣ ва таркибӣ дар ғазалиёти ӯ василаи таъмини ваҳдати маъноӣ, зебоиҳои калом ва мазмунҳои тоза қарор гирифтаанд, ки ифодагари ҳунари шоирии ӯст;

- Масъалаи робитаи қофия бо мусиқӣ дар таҷрибаи шоирии Ҷомӣ, бахусус дар ғазалиёти ӯ фақат ба қолаби арӯз ва баҳри шеър маҳдуд намешавад, балки алоқамандии калимаҳо бо якдигар тарзи дигари зуҳури мусиқии шеър мебошанд. Аз ин ҷиҳат, корбурди огоҳона ва ҳунармандонаи қофияву радиф дар ғазалиёти Ҷомӣ омили аслии тавлид ва истеҳкоми мусиқии берунӣ ва дарунии шеър аст, ки бар асоси кашиши ҳиҷоҳо ва такяҳо, ҳамчунин ба ваҷҳи ҳамоҳангӣ ва нисбати таркибии калимаҳо ва танини ҳарфҳо ба вуҷуд омада ва камоли ҳунарӣ пайдо кардааст;

- Назари Ҷомӣ дар боби асрори пайвастагии шеър ва қофияву радиф мушаххас буда, мақоми ин ду унсури шеърро дар эҷоди зебоии шеър собит мекунад. Ин матлаб масъалаи таҷрибаи шоирии Ҷомиро дар истифодаи қофияву радиф дар ғазалиёташ матраҳ мекунад, ки ба нақшу ҷойгоҳи қофия марбут мешавад ва иборат аст аз ташхиси қофия аз калимаҳои хос, зебоии маънавӣ, падид овардани фикру эҳсос, устувории сохтори ғазал ва таносуби комили мундариҷаву шакл, суратбандии қолаби ғазал, вусъатбахшии тасвирҳо, маъонӣ ва ғайра;

- Қофия ва радиф дар ғазалиёти Ҷомӣ яке аз ҷиҳатҳои муҳимми каломи мавзун буда, ҳам дар мусиқии шеър нақши асосӣ дорад ва ҳам василаи таъкиди байт ва мояи таваҷҷуҳи хонанда аст. Аз ин ҷиҳат масъалаи муҳимми дигар дар таҷрибаи шоирии Ҷомӣ корбурди қофияву радиф дар мазмунсозӣ ва маъниофаринӣ мебошад. Ҳатто такрори

қофияву радиф дар ғазалиёти шоир нафақат зебоии шеърашро накостааст, балки ба хаёлоти

Муҳтавои мавзуи диссертатсия дар 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд:

1. Назар Бохруло. Нақши қофия дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] / Бохруло Назар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе. – 4 / 3. – 2017. – С. 245-248.
2. Назар Бохруло. Радиф дар ғазалҳои Ҷомӣ [Матн] / Бохруло Назар // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе. – №3 (70). – 2017. – С. 129-132.
3. Назар Бохруло. Қофия ва радиф аз назари Ҷомӣ [Матн] / Бохруло Назар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе. – 2018. №3. – С. 253-257.
4. Назар Бохруло. Сохт ва муҳтавои «Рисолаи қофия» - и Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] / Бохруло Назар // Гузориши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон №3 (003) 2018. – Душанбе. – С. 169-172.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои рисоларо комилан инъикос менамоянд.

**Пешниҳоди диссертатсия ба шурои диссертатсионӣ.** Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ диссертатсияи номзадии Назар Бохрулоро зери унвони “Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” кори муҳиму арзишманд арзёбӣ менамояд. Диссертатсия ва автореферати Назар Б. дар мавзуи “Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ”барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – доктори илми филология Элбоев Вафо ва номзади илми филология Давлатова Холида Муллошоевна онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ қабул гардид.

Иштирок доштанд: 16 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 16 нафар, зид –нест, бетараф – нест, қарори № 6, аз таърихи 03.06.2022.

**Раиси шурои олимон**,
номзади илмҳои филологӣ Шарифзода Б.Б.

**Муқарризони холис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев В.

номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттии Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ Давлатова Х. М.

**Котиби илмии шуро** Муҳамадхоҷаева Р. А.

Имзои Шарифзода Б.Б. ва Муҳамадхоҷаева Р.А.–ро тасдиқ мекунам:
нозири калони кадри Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Х.

Имзои Элбоев В. –ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 121
Тел: +992 (37) 224-13-83
E-mail: info @ tgpu.tj www. tgpu.tj

Имзои Давлатова Х.М.-ро тасдиқ мекунам:
нозири калони кадри Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ Майданов М.

«6» июни соли 2022.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 21
Тел: (+992) 227-29-07; 221-70-30
E-mail: iza_rudaki17@mail.ru, http://www.iza.tj